# ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## ҚАРОР

Дар бораи Тартиби гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмӣ

Мутобиқи моддаи 105 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 333 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, моддаи 35 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳаракат дар роҳ" ва моддаи 57 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ" Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор мекунад:

1. Тартиби гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2. Вазорату идораҳо, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, корхонаҳо, муассисаҳо ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият ва тобеият, иҷро ва амалишавии талаботи тартиби мазкурро дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷетӣ, аз ҳисоби маблағҳои худӣ, махсус ва шаҳрвандон, инчунин дигар манбаъҳои пешбининамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъмин намоянд.

3. Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо вазорату идораҳои дахлдор ҷиҳати амалисозии қарори мазкур чораҳои зарурӣ андешанд.

4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2009, № 697 "Дар бораи тасдиқи Низомномаи тартиби гузаронидани муоинаи тиббии даврагии ронандагони воситаҳои нақлиёт" аз эътибор соқит дониста шавад.

Раиси

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

аз 30 апрели соли 2021, № 174

ш. Душанбе

Замима

ба қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

аз 30 апрели соли 2021, №174

## Тартиби гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмӣ

## БОБИ 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Тартиби гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмӣ (минбаъд - тартиб) тартиб, даврият, ташкил ва гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмиро муайян менамояд.
2. Бо мақсади ҳифзи саломатӣ, пешгирии пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ, бемориҳои ғайрисироятии оммавӣ, бемориҳои касбӣ ва ҳодисаҳои нохуш, соҳибкорони инфиродӣ, кормандони корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо, новобаста аз шакли моликият, ки ягон фаъолияти хоҷагидорӣ ва дигар фаъолияти истеҳсолиро анҷом медиҳанд, бояд пеш аз дохилшавӣ ба кор аз муоинаҳои тиббӣ гузаранд.
3. Муоинаҳои тиббии ҳатмӣ ба муоинаҳои ҳатмии қаблӣ (пешакӣ) ва давравӣ (даврӣ) тақсим мешаванд. Муоинаи тиббии ҳатмии қаблӣ бо мақсади муайян намудани коршоямӣ ба кор ё ба хондан, инчунин пешгирии бемориҳои касбӣ ва умумӣ, роҳ надодан ба паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва паразитарӣ гузаронида мешавад. Муоинаи ҳатмии давравӣ тиббӣ даврияти муоинаи тиббии шахсро бо дар назар доштани касбу кор ё муҳити хизматрасонии пешниҳодшаванда, ки ба иҷрои кор ё хизматрасонӣ алоқаманд аст, дар бар мегирад.

4. Муоинаи ҳатмии давравии тиббӣ бо мақсадҳои зерин гузаронида мешавад:

- муайян намудани мутобиқатии вазъи саломатии шахс ба кору хизматрасониҳое, ки ӯ иҷро менамояд;

- назорати мунтазами ҳолати саломатӣ, сари вақт муайян намудани нишонаҳои ибтидоии бемориҳои касбӣ (заҳролудшавӣ) ва сироятӣ (паразитарӣ), нишонаҳои барвақтии таъсири омилҳои номусоиди истеҳсолӣ ба вазъи саломатӣ;

- муайян намудани бемориҳое, ки барои иҷрои кору хизматрасониҳо зиддияти тиббӣ доранд;

- сари вақт гузаронидани чорабиниҳои пешгирикунанда ва барқарорсозӣ, ки ба нигаҳдошти саломатӣ ва барқарорсозии қобилияти меҳнатии шахс равона карда мешавад.

5. Муоинаҳои тиббии ҳатмӣ вобаста бо мақсади гузаронидаашон ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд:

1) муоинаҳои тиббии ҳатмие, ки бо мақсади муайян намудани коршоямии корманд барои иҷрои корҳои марбут ба омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ, инчунин пешгирии бемориҳои умумию касбӣ ва ҳодисаҳои нохуш гузаронида мешаванд. Ба ин гурӯҳ муоинаҳои тиббие, ки ҳангоми иҷрои корҳои марбут ба унсур ва пайвастагиҳои кимиёвӣ, омилҳои физикавӣ (ғалоғула, садо, ларзиш, шуоъафканӣ, майдонҳои электромагнитӣ ва ғайра), аэрозолҳо ва чангҳои истеҳсолӣ, барангезандаи бемориҳои сироятӣ, инчунин корҳои дар баландӣ ва марбут ба болобарой иҷрошаванда, корҳо дар саноати нафту газ, корҳои баҳаракати воситаҳои нақлиёт алоқаманд, корҳои вазнин, дар зери замин ё шабона иҷрошаванда, кормандони синну солашон то ҳаждаҳ ва ғайра гузаронида мешаванд, дохил мегарданд. Мутобиқи қисми 6 моддаи 105 Кодекси тандурустии Ҷумҳурии Тоҷикистон номгӯи омилҳо, корҳо ва хизматрасониҳои марбут ба омилҳои номусоиди истеҳсолӣ ва шароити номусоиди меҳнат, ки ҳангоми иҷрои онҳо кормандон аз муоинаҳои тиббии ҳатмӣ мегузаранд, инчунин даврияти ҳаҷми муоинаи мутахассисон, ташхисҳо ва манъи нишондоди махсуси тиббӣ дар замимаи 1 тартиби мазкур ва номгӯи корҳо ва хизматрасониҳои ба ҳаракати воситаҳои нақлиёт алоқаманд, ки ҳангоми иҷрои онҳо ронандагон аз муоинаҳои тиббии ҳатмӣ мегузаранд, инчунин даврияти ҳаҷми муоинаи мутахассисон, ташхисҳо ва манъи нишондоди махсуси тиббӣ дар замимаи 2 тартиби мазкур оварда шудаанд;

2) муоинаҳои тиббии ҳатмие, ки бо мақсади ҳифзи саломатии аҳолӣ, пешгирии пайдоиш ва паҳншавии бемориҳо, аз он ҷумла бемориҳои сироятию паразитарӣ гузаронида мешаванд. Ба ин гурӯҳ муоинаҳои тиббии шахсони бо корҳо ва хизматрасониҳои истеҳсолӣ, саноати хӯрокворӣ, соҳаҳои хӯроки умумӣ, савдо, тиб, маориф, нақлиёт, хизматрасониҳои коммуналӣ ва маишӣ, обтаъминкунию обу корезӣ, фарҳангию сайёҳӣ, ташкилӣ ва дигар соҳаҳое, ки бевосита ба хизматрасонии аҳолӣ машғуланд, дохил карда мешаванд. Номгӯи кормандони бевосита бо шуғли алоқаманд ба хизматрасонии аҳолӣ машғулбуда ва аз муоинаҳои тиббии ҳатмӣ гузаранда, инчунин даврияти ҳаҷми муоинаи мутахассисон ва ташхисҳо дар замимаи 3 тартиби мазкур оварда шудааст.

6. Мутахассисони тиббие, ки муоинаҳои ҳатмии қаблӣ ва давравии тиббӣ баргузор менамоянд, барои муйян намудани мутобиқатии вазъи саломатии шахс (муоинашаванда) ба иҷрои корҳо хизматрасониҳо аз рӯи манъи нишондодҳои умумӣ ва махсуси тиббӣ амал мекунанд. Номгӯи бемориҳо – манъи нишондодҳои умумии тиббӣ барои иҷрои корҳо хизматрасониҳо дар замимаи 4 тартиби мазкур

оварда шудааст. Илова ба манъи нишондодҳои умумии тиббӣ, вобаста аз хусусияти иҷрои корҳо ва хизматрасониҳо, барои гурӯҳи алоҳидаи шаҳрвандон ва хизматрасониҳо манъи нишондодҳои махсуси тиббӣ муайян карда шудааст. Номгӯи бемориҳо – манъи нишондодҳои махсуси тиббӣ вобаста ба иҷрои корҳо ва хизматрасониҳои марбут ба омилу номусоиди истеҳсолӣ ва шароити номусоди меҳнат дар замимаҳои 1 ва 2 тартиби мазкур, инчунин дар номгӯи бемориҳо – манъи нишондодҳои махсуси тиббӣ барои кормандоне, ки бевосита бо хизматрасонии аҳолӣ алоқаманданд, дар замимаи 5 тартиби мазкур оварда шудааст.

7. Агар ҳангоми гузаштани муоинаи ҳатмии қаблӣ ва давравии тиббии шахс (муоинашаванда) бемориҳои дар номгӯи бемориҳо – манъи нишондодҳои умумӣ ё махсуси тиббӣ овардашуда муайян гарданд, он гоҳ ӯ аз рӯи вазъи саломатиаш барои иҷрои кор ва хизматрасониҳо (барои таҳсил) корношоям дониста мешавад.

## БОБИ 2. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ МУОИНАҲОИ ҲАТМИИ ҚАБЛӢ ВА ДАВРАВИИ ТИББИИ КОРМАНДОНЕ, КИ ФАЪОЛИЯТИ ОНҲО БА ОМИЛҲОИ ХАТАРНОК ВА ШАРОИТИ НОМУСОИДИ ИСТЕҲСОЛӢ АЛОҚАМАНД АСТ

8. Корфармо уҳдадор аст гузаронидани муоинаи ҳатмии қаблии тиббии кормандонро ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ ва муоинаи давравии тиббии кормандонро дар раванди кор, ки бо корҳои вазнин, шароити кори зарарнок ва хатарнок машғуланд, аз ҷумла дар корҳои зеризаминӣ ва шабона иҷрошаванда, ҳамчунин бо воситаҳои нақлиёт алоқаманд бо мақсади муайян кардани мутобиқатии кори иҷрошаванда ба саломатии онҳо ва пешгирии бемориҳои касбӣ ба роҳ монад.

9. Муоинаи тиббии ҳатмии давравии кормандоне, ки фаъолияташон ба омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ алоқаманданд, бо мақсадҳои дар банди 2 тартиби мазкур овардашуда гузаронида мешавад.

10. Муоинаҳои ҳатмии қаблӣ ва давравии тиббӣ аз тарафи ташкилотҳои давлатӣ ва хусусии тиббӣ (минбаъд – муассисаҳои тиббӣ) гузаронида мешаванд. Бо мақсади таъмини дастрасии хизматрасонии тиббӣ, аз истеҳсолот дур намондани кормандон, дар ҳолати фароҳам овардани шароити муносиби санитарию эпидемиологӣ, метавонад бо мувофиқаи тарафайн муоинаи тиббии ҳатмии давравӣ дар макони ҷойгиршавии ташкилот аз тарафи мутахассисони гурӯҳи сайёри муассисаи тиббӣ гузаронида шавад.

11. Ҳамаи шахсоне, ки дар оянда фаъолияташон ба таъсироти омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ алоқаманд хоҳад буд, ба таври ҳатмӣ ҳангоми ба кор

қабул шудан ва ба кори дигар гузаштан аз муоинаҳои тиббии ҳатмии қаблӣ мегузаранд.

12. Маъмурияти ташкилот, муассисаҳои таҳсилотӣ ва курсҳои тайёрии касбӣ бояд пеш аз қабул ба кор, то оғози таҳсил шахсонеро, ки баъди хатми муассисаҳои таҳсилотӣ фаъолияташон бо таъсироти омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ алоқамандӣ доштанд, барои гузаштани муоинаи қаблии тиббӣ равон намоянд.

13. Соҳибкорони инфиродӣ ва шахсони ҳуқуқӣ бояд шахсонеро, ки аз муоинаи тиббии қаблӣ ё мавсимӣ нагузаштаанд, ё ин ки бинобар сабаби вазъи саломатӣ ба кор лоиқ нестанд, ба кор қабул накунанд.

14. Дар ҳолати ба кори дигар гузаронидани корманд, ки иҷрои кори ӯ аз ҷиҳати таъсири омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ ба кори пештара монанд аст, муоинаи тиббӣ ҳатмии қаблӣ гузаронида намешавад.

15. Барои гузаштани муоинаи тиббӣ ҳатмии қаблӣ (ҳангоми ба кор қабул шудан, ба кори дигар гузаштан) маъмурияти ташкилот ба муоинашаванда барои муроҷиат намудан ба муассисаи тиббие, ки муоинаи тиббиро мегузаронад, тибқи намунаи дар замимаи 6 тартиби мазкур овардашуда роҳхат медиҳанд. Дар роҳхат бояд бапуррагӣ насаб, ном, номи падар, соли таваллуд, ихтисоси шахси муоинашаванда, омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ нишон дода шаванд.

16. Муоинаи тиббии ҳатмии давравӣ дар ҷараёни фаъолияти меҳнатӣ, иҷрои кор, хизматрасонӣ ё дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи тартиби мазкур гузаронида мешавад.

17. Муоинаи тиббии ҳатмии давравии кормандоне, ки фаъолияташон ба омилҳои хатарнок ва шароити номусоиди истеҳсолӣ алоқаманданд, тибқи замимаи 1 тартиби мазкур гузаронида мешаванд.

18. Агар корманд чунин шуморад, ки бадшавии вазъи саломатиаш ба шароити меҳнати ӯ вобастагӣ дорад, ӯ ҳуқуқ дорад аз муоинаи тиббии ғайринавбатӣ гузаштанро талаб намояд.

19. Муоинаи тиббии ҳатмии давравии кормандон пеш аз муҳлат, инчунин дар асоси хулосаҳои тиббӣ ё ин ки хулосаҳои асоснокшудаи мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ гузаронида мешавад.

20. Мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, маъмурияти ташкилот ва муассисаҳои тиббӣ ҳуқуқ доранд, ки кормандро пеш аз муҳлат ба муоинаи тиббӣ (баъди гузаронидани бемориҳои вазнин, ҳангоми осеббардорӣ ва сироятшавӣ) равон намоянд. Сабаби пеш аз муҳлат ба муоинаи тиббӣ равон намудан дар роҳхат нишон дода мешавад.

21. Муоинаи тиббии ҳатмии давравии кормандоне, ки бо усули вахтавӣ фаъолият пеш мебаранд, мумкин аст дар муассисаи табобатию пешгирии ҷойи иҷрои кор гузаронида шавад.

22. Маъмурияти корхона якҷо бо намояндаи мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ бо мақсади банақшагирии баргузории муоинаҳои тиббии соли оянда на дертар аз 1 декабри соли ҷорӣ рӯйхати кормандонеро, ки бояд таҳти муоинаҳои давравии тиббӣ қарор гиранд, тартиб медиҳад. Дар рӯйхат бояд бапуррагӣ насаб, ном, номи падар, синну сол, мансаб, собиқаи корӣ, суроғаи корманд ва алоқамандии фаъолияти меҳнатӣ ба омилҳои зарарнок ва хатарнок, шароити номусоиди истеҳсолӣ нишон дода шавад. Рӯйхат аз тарафи роҳбари ташкилот тасдиқ гардида, бо мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ мувофиқа карда шуда, ба муассисаи тиббие, ки муоинаи тиббиро мегузаронад, пешниҳод карда мешавад.

23. Маъмурияти ташкилот оид ба гузаронидани муоинаи тиббии ҳатмии давравӣ фармоиш бароварда, уҳдадор мегардад, ки тибқи тартиби мазкур сари вақт ва ба пуррагӣ аз муоинаи тиббӣ гузаштани кормандонашро таъмин намояд. Роҳбари ташкилот уҳдадор аст, дар хусуси аз муоинаи тиббӣ гузаштани кормандон ба мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ сари вақт ҳисобот пешниҳод намояд.

24. Ҳангоми аз муоинаи тиббӣ саркашӣ кардани корманд ё тавсияҳои дар натиҷаи муоинаи тиббӣ додашударо риоя накардани ӯ корфармо ҳуқуқ дорад кормандро ба иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ ва фаъолияти меҳнатиаш роҳ надиҳад.

25. Маъмурияти муассисаи тиббие, ки муоинаҳоро мегузаронад, дар асоси рӯйхати аз тарафи маъмурияти ташкилотҳо пешниҳодшуда нақша ва реҷаи гузаронидани муоинаи тиббии ҳатмии давравии кормандони ташкилотҳоро барои соли оянда таҳия ва тасдиқ менамояд. Нақшаи гузаронидани муоинаи тиббии ҳатмии давравӣ бо мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ мувофиқа карда мешавад.

26. Роҳбари муассисаи тиббие, ки гузаронидани муоинаи тиббии ҳатмии қаблӣ ва давравиро амалӣ менамояд, ҳайати комиссияи тиббиро муайян менамояд.

27. Раиси комиссияи тиббӣ табиби бемориҳои дарунӣ ё табиби ихтисоси дигар, ки дар самти таъсири омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ омодагии тахассусӣ дорад, таъин карда мешавад. Агар муассисаи тиббӣ дар самти гузаронидани муоинаҳои тиббӣ махсусгардонида шуда бошад, он гоҳ комиссия таъсис дода намешавад.

28. Роҳбар ва мутахассисони тиббӣ барои гузаронидани муоинаҳои тиббӣ ҷавобгар мебошанд.

29. Роҳбари муассисаи тиббӣ уҳдадор аст, ки аз курсҳои такмили ихтисос ва тайёрии махсус гузаштани кормандонашонро таъмин намуда, дар муассиса гузаронидани муоинаю таҳлили заруриро тибқи тартиби мазкур ба роҳ монад.

30. Табиби бемориҳои дарунӣ мутахассиси асосие мебошад, ки муоинаҳои тиббии ҳатмии қаблӣ ва даврравиро мегузаронад.

31. Мутахассисони тиббие, ки муоинаи тиббиро мегузаронанд, бояд оид ба алоқамандии пайдоиши бемориҳо ва оризаҳои онҳо аз таъсироти омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ ва хусусияти истеҳсолот маълумоти кофӣ дошта бошанд.

32. Мутахассисони тиббие, ки дар гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмии давравӣ иштирок менамоянд, ҳангоми ҳалли масъалаи коршоямии корманд ба кор номгӯи манъи нишондодҳои тиббиро ба роҳбарӣ мегиранд.

33. Масъалаи коршоямии корманд дар ҳамаи ҳолатҳо ба таври фардӣ бо дар назар доштани хусусиятҳои ҳолати кории (функсионалии) организм, хусусият ва ҷараёни оризаҳо, синну сол, собиқаи корӣ, шароити меҳнат ва ғайра ҳал карда мешавад (ба ғайр аз манъи нишондодҳои умумии тиббӣ).

34. Ҳангоми муайян намудани нишондоди оқибати бемориҳои гузаронидашуда аз муассисаҳои табобатию пешгирии дахлдор ба муассисае, ки муоинаи ҳатмии тиббиро мегузаронад, маълумотномаи тиббӣ пешниҳод карда мешавад.

35. Дар ҳолате, ки ба манъи нишондодҳои тиббӣ бемориҳои рӯҳӣ, майзадагӣ, нашъамандӣ ва заҳрмандӣ дохил шудаанд, ба муассисаи табобатию пешгирие, ки муоинаҳои тиббиро мегузаронад, аз ҷониби муоинашаванда аз муассисаҳои тиббии бемориҳои рӯҳӣ ва наркологии ҷойи зист маълумотнома оид ба коршоямӣ пешниҳод карда мешавад.

36. Корманд барои гузаштан аз муоинаи тиббӣ роҳхати аз тарафи корфармо додашударо бо нишондоди маълумот оид ба собиқаи касбии корманд, коргоҳ, қитъа, ихтисос, омилҳои зарарнок ва хатарнок истеҳсолӣ ва корҳои вазнин, инчунин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи шахсият (шиноснома ва ғайра), корти дармонгоҳӣ ё иқтибос аз корти дармонгоҳиро бо тартиби муқарраргардида аз муассисаи бемориҳои рӯҳӣ ё наркологӣ (оид ба вазъи рӯҳӣ ё наркологӣ) пешниҳод менамояд.

37. Муоинаи табиби рӯҳшинос ва нарколог дар муассисаҳои тиббии бемориҳои рӯҳӣ ва наркологӣ ё аз тарафи мутахассисони ин соҳаҳо гузаронида мешавад.

38. Дар ҳолати муқаррар намудани нишонаҳои бемориҳои касбӣ ё пайдо гаштани шубҳа ба он муассисае, ки муоинаи ҳатмии тиббиро мегузаронад, барои муқаррар сохтани ташхиси бемории касбӣ ва муқоиса муоинашавандаро ба дигар муассисаи тиббӣ равона мекунад.

39. Мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҳангоми гумонбарӣ ба бемориҳои касбӣ ё муайян намудани нишонаҳои онҳо бо дархости муассисаи тиббӣ тавсифоти санитарию гигиении шароити меҳнати муоинашаванда, ё ин ки маълумотномаи иттилоотиро тартиб медиҳад. Ҳуҷҷати тартибёфта аз тарафи роҳбари мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ба имзо расида, дар якҷоягӣ бо дигар ҳуҷҷатҳои тиббӣ ба муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» барои муқаррарсозии ташхиси ниҳоии бемории касбӣ (алоқамандии беморӣ ба ихтисос) равон карда мешавад. Намунаи тавсифоти санитарию гигиении шароити меҳнати корманд ҳангоми гумонбарии дар мавҷуд будани бемории касбӣ дар ӯ дар замимаи 7 тартиби мазкур оварда шудааст.

40. Муқаррарсозии ташхиси бемории касбӣ тибқи ҳуҷҷатҳои зерин сурат мегирад:

- рӯйхати бемориҳои касбӣ ва дастури истифодабарии рӯйхати бемориҳои касбӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;

- номгӯи моддаҳои зарарнок ва омилҳои номусоиди истеҳсолӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ шудаанд;

- натиҷаҳои муоинаҳои тиббӣ ва таҳлили иловагӣ.

41. Муқаррар намудани алоқамандии беморӣ бо фаъолияти корӣ (ихтисос) аз ҷониби муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» анҷом дода мешавад. Маркази мазкур инчунин баҳсу ихтилофоти тиббие, ки зимни баргузории муоинаҳои тиббии кормандони ба омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ алоқаманд ба вуқӯъ меоянд, ҳал менамояд.

42. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» дар асоси натиҷаҳои муоина ва ташхисҳои пешниҳоднамудаи муассисаҳо муоинаи тиббии ҳатмиро гузаронида, муоина ва таҳлили дигари марбут ба фаъолияти кориро мегузаронад.

43. Муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» ҳангоми муайян намудани алоқамандии беморӣ бо фаъолияти корӣ (ихтисос) дар давоми 3 рӯз хабарномаро ба мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии минтақавӣ, корфармо, ширкатҳои суғуртавӣ (ҳангоми суғурташавӣ) ва муассисаи тиббие, ки кормандро равон кардааст, ирсол менамояд. Корманде, ки дар ӯ бемориҳои касбӣ муайян карда шудааст, аз тарафи муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» бо хулосаи дахлдор ба муассисаи тиббии ҷойи зисти корманд равон карда мешавад. Дар муассисаи тиббии ҷойи зисти корманд ҳуҷҷатҳо оид ба бемории касбӣ ба расмият даровварда шуда, ба мақомоти ҳифзи меҳнат пешниҳод карда мешавад.

44. Дар муддати гузаштани муоинаҳо ва таҳқиқҳо ба муоинашаванда варақаи корношоямӣ дода намешавад, вале мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон музди меҳнаташ нигоҳ дошта мешавад.

45. Тасдиқи ниҳоии ташхиси бемориҳои сироятӣ (паразитарӣ) аз тарафи табиби сироятшинос гузаронида мешавад. Муқаррар намудани алоқамандии бемориҳои сироятӣ (паразитарӣ) бо фаъолияти касбӣ бо иштироки ҳатмии табибони сироятшинос ва эпидемиолог гузаронида мешавад. Корти муоинаи таҳлили эпидемиологӣ ҳуҷҷати асосие мебошад, ки хусусияти касбӣ доштани сироятшавӣ бо бемориҳои сироятиро (паразитарӣ) тасдиқ менамояд.

46. Натиҷаҳои муоинаҳои тиббӣ дар корти дармонгоҳии (ё шакли электронии он) муоинашаванда қайд карда мешаванд. Ҳар як мутахассиси дар муоина иштироккунанда хулосаи худро дар корти дармонгоҳӣ оид ба коршоямии касбӣ ва чорабиниҳои зарурии муолиҷашавию барқарорсозӣ дарҷ менамояд. Дар варақаи алоҳидаи корти дармонгоҳӣ маълумот оид ба собиқаи касбӣ (ташкилот, коргоҳ, қитъа, ихтисос, собиқаи корӣ, омилҳои зарарнок ва хатарноки истеҳсолӣ) қайд карда мешавад. Ҳангоми тағйир ёфтани фаъолияти меҳнатӣ дар корти дармонгоҳӣ иловаҳо ворид карда мешаванд. Дар ҳолати аз кор озод шудан ё ба ташкилоти дигар ба кор гузаштан корти дармонгоҳӣ бо натиҷаҳои муоинаи қаблӣ ва давравии тиббӣ ба муассисаи табобатию пешгирии ҷойи кори нав пешниҳод карда мешаванд.

47. Аз рӯи натиҷаи муоина ва таҳқиқ ҳар як мутахассис хулосаи худро оид ба коршоямӣ пешниҳод менамояд.

48. Мутахассисони муоинаи тиббиро анҷомдиҳанда аз рӯи натиҷаи муоинаҳои тиббӣ ва нишондодҳо ба муоинашаванда чунин чорабиниҳои табобатию солимгардониро тавсия медиҳанд:

- табобати зарурӣ барои шахсоне, ки бо сабаби омилҳои касбӣ дар узвҳо ва системаҳояшон зуҳуроти начандон дигаргуни манфӣ дида мешавад;

- фиристодан ба табобати статсионарӣ, осоишгоҳию курортӣ, хонаҳои истироҳатӣ ва тавсияи хӯрокҳои парҳезӣ (вобаста ба хусусияти бемории муайяншуда);

- гузаронидан ба кори дигари шароиташ сабуктар ҳангоми мавҷуд будани оқибатҳои бемориҳои касбӣ, ки барои давом додани кор дар шароити пештара манъи нишондод дорад;

- ба мақомоти давлатии ташхиси тиббию иҷтимоӣ барои муқаррар намудани қобилияти корношоямӣ ва муайян намудани фоизи (дараҷаи) коршоямӣ фиристодан.

49. Барои маъмурияти ташкилот иҷрои хулосаи тиббӣ оид ба коршоямии касбӣ аз рӯи вазъи саломатӣ, муваққатан ё доимӣ ба кори дигар гузаронидан, инчунин дигар тавсияҳо ҳатмӣ мебошад.

50. Ба он шахсоне, ки дар асоси натиҷаи муоинаҳои тиббии қаблӣ коршоям эътироф шудаанд, хулосаи муоинаҳои тиббӣ пешниҳод карда мешавад.

51. Ба шахсоне, ки аз рӯи натиҷаи муоинаҳои тиббии ҳатмии қаблӣ барои иҷрои кор дар шароити номусоиди истеҳсолӣ ва омилҳои зарарнок ношоям эътироф шудаанд, хулосаҳои тиббӣ дода намешаванд. Хулосаҳои тиббии онҳо дар давоми се рӯз ба маъмурияти ташкилоте, ки роҳхати гузаштани муоинаи тиббиро додааст, пешниҳод карда мешавад. Дигар ҳолатҳои баҳсу ихтилофот аз тарафи Комиссияи экспертии клиникии назди Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гашта, пас аз он хулосаи ниҳоӣ дода мешавад.

52. Муассисаи тиббӣ якҷо бо мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ натиҷаҳои муоинаи тиббиро таҳлил намуда, дар 4 (чор) нусха санади хулосавӣ тартиб медиҳад. Намунаи санади натиҷаҳои муоинаи тиббӣ дар замимаи 8 тартиби мазкур оварда шудааст. Ба санади мазкур рӯйхати кормандоне, ки аз муоинаи тиббӣ гузаштанд (насаб, ном ва номи падари кормандони ба кори дигар гузаронидашаванда), ки ба онҳо табобати статсионарӣ, хӯрокҳои парҳезӣ ва ғайра тавсия мешаванд, замима мегардад.

53. Санади хулосавӣ барои иҷро ва назорат ба маъмурияти ташкилот, корманд (намояндаи ӯ – иттифоқи касаба) ва мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ пешниҳод карда мешаванд. Як нусхаи он дар муассисаи тиббӣ нигоҳ дошта мешавад.

54. Барои назорати ҳолати саломатии кормандоне, ки бо усули вахтавӣ кор мекунанд, гузаронидани муоинаи пешазвахтавӣ ҳатмӣ мебошад.

55. Маъмурияти корхона гузаронидани муоинаҳои пешазвахтавии тиббии кормандонро дар маҳалли рафтан ба кори вахтавӣ ё ҷойи иҷрои кор ташкил менамояд.

56. Муоинаи пешазвахтавӣ ҷамъоварии таърихи саломатӣ, санҷиши ҳарорати бадан, фишори хун, муайян намудани шумораи набз, муайян намудани мавҷудияти машруботи спиртӣ дар ҳавои нафасбарорӣ, муоинаи мутахассисон ва таҳлили озмоишро дар бар мегирад.

57. Натиҷаи муоинаи пешазвахтавии тиббӣ дар дафтари қайди муоинаҳои тиббӣ ё дафтарчаи шахсии тиббӣ бо гузоштани нишонаи «Коршоям» қайд карда мешавад.

58. Ҳангоми муайян намудани нишонаҳои корношоямии муваққатӣ ё доимӣ ва натиҷаҳои мусбати санҷиш ҷиҳати мавҷудияти машруботи спиртӣ корманд ба кори вахтавӣ роҳ дода намешавад.

59. Корманд аз натиҷаҳои муоинаи тиббӣ шахсан хабардор карда мешавад.

60. Муассисаҳои тиббие, ки муоинаҳои ҳатмии қаблӣ ва давравии тиббии кормандони бо омилҳои зарарнок ва хатарнок алоқамандро мегузаронанд, тибқи намунаи дар замимаи 9 тартиби мазкур овардашуда ба мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҳисобот пешниҳод менамоянд.

61. Мақоми ваколатдори соҳаи тандурустӣ ва мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологии минтақавии дахлдор дар асоси таҳлили натиҷаҳои муоинаи тиббӣ бо мақсади беҳдошт ва ҳифзи саломатии омма, бехатарии меҳнат, пешгирии пайдоиш ва паҳншавии бемориҳои сироятӣ (паразитарӣ), бемориҳои ғайрисироятии оммавӣ (заҳролудшавӣ), бемориҳои касбӣ ва барқарорсозии қобилияти меҳнатии кормандон бояд чораҳои зарурӣ андешанд.

## БОБИ 3. ТАРТИБИ ГУЗАРОНИДАНИ МУОИНАҲОИ ТИББИИ ҲАТМИИ ҚАБЛӢ ВА ДАВРАВИИ РОНАНДАГОНИ ВОСИТАҲОИ НАҚЛИЁТ

62. Шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳрвандони хориҷӣ ва шахсони бешаҳрванд, ки хоҳиши гирифтани шаҳодатномаи ҳуқуқи идоракунии воситаҳои нақлиётро доранд, бояд барои идоракунии воситаи нақлиёт аз муоинаи ҳатмии тиббӣ гузаранд.

63. Корфармо уҳдадор аст, ки ҳангоми бастани шартномаи меҳнатӣ (қарордоди меҳнатӣ) муоинаи ҳатмии тиббии қаблӣ ва муоинаи ҳатмии давравии кормандонеро, ки дар воситаҳои нақлиёт кор мекунанд, дар ҷараёни кор, бо мақсади муайян кардани мутобиқатии саломатии онҳо ба кори иҷрошаванда ва пешгирии ҳодисаҳои нохуш тариқи ҳатмӣ гузаронад.

64. Тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон шахсони мансабдори барои истифода ва ҳолати техникии воситаҳои нақлиёт масъул уҳдадоранд ба идоракунии воситаҳои нақлиёт шахсони дар муҳлати муқарраршуда аз муоинаи тиббӣ нагузашта ва дар ҳолати мастӣ бар асари истеъмоли машруботи спиртӣ, заҳрмандӣ ё нашъамандӣ, ҳолати беморӣ ё таҳти таъсири доруворихо қарордоштаро роҳ надиҳанд, ки ҳушёрӣ ё диққати онҳоро суст менамоянд.

65. Муоинаҳои тиббии ҳатмии қаблӣ ва давравии ронандагони воситаҳои нақлиёт мутобиқи замимаи 2 тартиби мазкур гузаронида мешаванд.

66. Шаҳрвандоне, ки воситаҳои нақлиётро идора менамоянд, аз ҷумла номзадон ба ронандагӣ ва ронандагони воситаҳои нақлиёти шахсӣ тибқи замимаи 2 тартиби мазкур таҳти муоинаҳои тиббӣ қарор мегиранд.

67. Муоинаҳои тиббии ҳатмии қаблӣ ва давравии ронандагон (номзадон ба ронандагӣ) аз тарафи муассисаҳои давлатӣ ва хусусии тиббие, ки дар ин самти фаъолият дорои иҷозатнома мебошанд, гузаронида мешаванд.

68. Маъмурияти муассисаҳои омӯзишгоҳи касбию техникӣ ва мактабҳои ронандагӣ, инчунин дигар марказҳои таълимӣ уҳдадоранд, ки пеш аз оғози таҳсил довталабон ва шунавандагонро таҳти муоинаи тиббии ҳатмии қаблӣ қарор диҳанд.

69. Барои гузаштани муоинаи тиббии ҳатмии қаблӣ маъмурияти ташкилот, мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ, маъмурияти омӯзишгоҳи касбӣ - техникӣ ва мактабҳои ронандагӣ, инчунин дигар марказҳои таълимӣ ба муоинашаванда барои муроҷиат намудан ба муассисаи тиббӣ, ки муоинаи тиббиро мегузаронанд, тибқи намунаи дар замимаи 10 тартиби мазкур овардашуда роҳхат медиҳанд. Дар роҳхат бапуррагӣ насаб, ном ва номи падар, соли таваллуд, ихтисоси муоинашаванда ва категорияи воситаи нақлиёти автомобилӣ нишон дода мешавад.

70. Муоинаи тиббии ҳатмии давравӣ даврияти гузаронидани муоинаи тиббии ронандагони воситаҳои нақлиётиро бо дар назар доштани категорияи воситаҳои нақлиёт дар бар мегирад.

71. Маъмурияти ташкилот, мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ ва маъмурияти муассисаи тиббӣ ҳуқуқ доранд ронандагонро пеш аз мухлат ба муоинаи тиббӣ (баъди гузаронидани бемориҳои вазнин, ҷароҳатбинӣ, осебгирӣ ва ғайра) фиристонад. Дар ин ҳолат дар роҳхат сабаби пеш аз мухлат ба муоинаи тиббӣ фиристодаи ӯ нишон дода мешавад.

72. Агар ронанда чунин шуморад, ки бад шудани вазъи саломатиаш бо иҷрои уҳдадории мансабӣ (ронандаи воситаҳои нақлиёт) ва шароити меҳнат алоқамандӣ дорад, ӯ ҳуқуқ дорад аз муоинаи тиббӣ тариқи ғайринавбатӣ гузаштанашро талаб намояд.

73. Муоинаи давравии тиббии ронандагоне, ки уҳдадориҳои мансабии онҳо бо моддаҳои зарарнок ва шароити номусоиди истеҳсолӣ алоқаманд аст, ҳамчунин метавонад пеш аз мухлат дар асоси хулосаи тиббӣ ё хулосаи асоснокшудаи мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ гузаронида шавад.

74. Таҳти муоинаҳои давравии тиббӣ ронандагони воситаҳои нақлиёти шахсӣ, корхона, муассиса ва дигар ташкилотҳо (новобаста аз шакли моликият ва тобеияти идоравӣ) қарор дода мешаванд.

75. Маъмурияти ташкилотҳои воситаҳои нақлиётӣ уҳдадоранд барои банақшагирии гузаронидани муоинаҳои давравии тиббӣ дар соли оянда рӯйхати ронандагони воситаҳои нақлиёт ва кормандонеро, ки таҳти муоинаҳои тиббии ҳатмии давравӣ қарор мегиранд, на дертар аз 1 декабри соли ҷорӣ тартиб дода, онро ба мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ пешниҳод намоянд. Дар рӯйхат насаб, ном ва номи падар, мансаб, суроға, собиқаи кор, категорияи воситаҳои нақлиёт ва шароити номусоиди меҳнат нишон дода мешавад. Рӯйхат бо мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ

мувофиқа шуда, ба муассисаи тиббие, ки муоинаҳои тиббиро мегузаронад, пешниҳод карда мешавад.

76. Маъмурияти ташкилотҳои воситаҳои нақлиётӣ оид ба гузаронидани муоинаҳои давравии тиббии кормандон фармоиш бароварда, уҳдадоранд мувофиқи фармоиши мазкур сари вақт ва бапуррагӣ аз муоинаи тиббӣ гузаштани онҳоро таъмин намоянд. Роҳбарияти корхона уҳдадор аст, ки дар хусуси аз муоинаи тиббӣ гузаштани кормандонашон ба мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҳисобот пешниҳод намояд.

77. Маъмурияти ташкилотҳои воситаҳои нақлиётӣ барои додани иҷозат ба кор ба кормандони аз муоинаи тиббӣ нагузашта ё тавсияҳои дар натиҷаҳои муоинаи тиббӣ додашударо риоя накарда масъул мебошанд ва ҳуқуқ доранд чунин гурӯҳи кормандонро ба иҷрои уҳдадориҳои мансабиашон роҳ надиҳанд.

78. Новобаста ба он ки муоинашаванда шикоят дорад ё не, комиссияи тиббӣ муоинаи тиббиро дар мувофиқаи дақиқ аз рӯи талаботи муқаррарнамудаи Номгӯи бемориҳои номуносиби тиббӣ барои ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки онро Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ намудааст, мегузаронад ва дар варақаи амбулаторӣ сабт менамояд.

79. Роҳбар ва мутахассисони муассисаи тиббӣ, барои босифат ва бапуррагӣ гузаронидани муоинаҳои ҳатмии қаблӣ ва давравии тиббии ронандагон (номзад ба ронандагӣ) масъул мебошанд. Роҳбари муассисаи тиббӣ уҳдадор аст, ки барои гузаронидани муоинаҳои тиббӣ тибқи талаботи тартиби мазкур дар муассиса ба таври зарурӣ баргузории муоинаи мутахассисон ва таҳлили лозимаро ба роҳ монад.

80. Муоинаҳои наркологӣ ва вазъи равонию рӯҳӣ дар муассисаҳои наркологӣ ва рӯҳӣ, ё ин ки аз тарафи мутахассисони ин соҳаҳо гузаронида мешаванд. Ронандагон (номзадон ба ронандагӣ) аз муассисаҳои наркологӣ ва рӯҳӣ ба муассисаи тиббие, ки муоинаҳои тиббиро мегузаронанд, маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ пешниҳод менамоянд.

81. Агар дар рафти гузаронидани муоинаҳои тиббӣ зарурати гузаронидани таҳқиқу муоинаҳои иловагӣ дар дигар марказҳои тиббии махсусгардонидаи тиббӣ ба миён ояд, он гоҳ муоинашаванда ба ин марказҳо фиристода мешавад.

82. Мутахассисони тиббие, ки дар гузаронидани муоинаҳои тиббии ҳатмии қаблӣ ва давравии ронандагони (номзадон ба ронандагии) воситаҳои нақлиёт иштирок менамоянд, зимни баррасии масъалаи коршоямии ронанда аз рӯи манъи нишондодҳои тиббии дар замимаҳои 2 ва 4 тартиби мазкур овардашуда амал менамоянд.

83. Масъалаи коршоямии ронанда дар ҳамаи ҳолатҳо ба таври фардӣ бо дар назар доштани хусусиятҳои ҳолати кори (функсионалӣ) организм, хусусият ва

ҷараёни оризаҳо, синну сол, собиқаи кор, шароити меҳнат ва ғайра баррасӣ мегардад.

84. Агар ҳангоми гузаронидани муоинаи тиббӣ бемории умумие муайян карда шавад, ки барои иҷрои уҳдадориҳои ронанда манъи нишондоди тиббӣ надорад, он гоҳ муоинашаванда ба кор рухсат дода шуда, барои таҳқиқу табобати иловагӣ ба муассисаҳои тиббии ҷойи зист фиристода мешавад. Дар роҳхат бояд бемории муайяншуда, сана, натиҷаи таҳқиқҳо ва номгӯи муассисаи тиббие, ки бемориро муайян кардааст, нишон дода шавад.

85. Ҳангоми муқаррар кардани нишонаҳои бемории касбӣ ё пайдо шудани шубҳа ба он муассисаҳои тиббӣ бо мақсади дақиқ намудани ташхис ва муайян намудани алоқамандии беморӣ бо фаъолияти касбӣ ронандаро бо хулосаҳои асоснокшудаи тиббӣ ба муассисаи давлатии «Маркази ҷумҳуриявии клиникии бемориҳои касбӣ» мефиристад.

86. Барои гузаштани муоинаҳои қаблии тиббӣ номзадҳо ба ронандагӣ ва ронандагон роҳхати аз ҷониби маъмурияти ташкилот, мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ, маъмурияти омӯзишгоҳҳои касбию техникӣ ва мактабҳои ронандагӣ додашуда, инчунин ҳуҷҷати тасдиққунандаи шахсиятро пешниҳод менамоянд.

87. Ронандагони воситаҳои нақлиёти шахсӣ шаҳодатномаи ронандагиро пешниҳод менамоянд.

88. Натиҷаҳои муоинаҳои тиббии қаблӣ ва давравии ронандагони воситаҳои нақлиёт дар дафтари сабти муоинашавандагон, корти дармонгоҳии (ё шакли электронии онҳо) муоинашаванда ва маълумотномаи тиббӣ барои ронандагон сабт карда мешаванд. Шакли маълумотномаи тиббӣ барои ронандагон аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Маълумотномаи бе акс тасдиқшуда беэътибор дониста мешавад.

89. Мутахассисоне, ки муоинаҳои тиббиро мегузаронанд, хулосаҳои худро дар корти дармонгоҳӣ ва маълумотномаи тиббӣ сабт намуда, онҳоро бо муҳр тасдиқ менамоянд.

90. Маълумотномаи тиббӣ бо хулосаҳои мутахассисон аз тарафи табиби бемориҳои дарунӣ ё мутахассиси ваколатдор (табиби оилавӣ) тасдиқ карда шуда, ба ронанда пешниҳод мешавад.

91. Муассисаи тиббӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ натиҷаҳои муоинаи тиббиро таҳлил намуда, дар 4 нусха санади хулосавӣ тартиб медиҳад. Намунаи санади натиҷаҳои муоинаи тиббӣ дар замимаи 8 тартиби мазкур муқаррар шудааст.

92. Ба шахсоне, ки аз рӯи муоинаҳо таҳқиқҳо ба онҳо барои рондани воситаҳои нақлиёт манъи нишондоди тиббӣ муайян карда шудаанд, хулосаҳои тиббӣ дода намешаванд.

93. Хулосаҳои тиббии чунин шахсон дар муҳлати 3 рӯз ба роҳбарияти ташкилот ва мақомоти Бозрасии давлатии автомобилӣ, ки барои гузаштани муоинаи тиббӣ роҳхат додааст, фиристода мешавад.

94. Ронандагони воситаҳои нақлиёт, ки бевосита бо интиқоли маҳсулоти хӯрокворӣ алоқаманд, ба ғайр аз муоинаҳо ба таҳқиқҳое, ки ронандагон онҳоро мегузаронад, вобаста аз соҳаи хӯрокворӣ таҳти муоинаву таҳлили иловагӣ қарор мегиранд. Дар ин ҳолат натиҷаҳои муоинаҳои тиббӣ дар корти дармонгоҳӣ ва дафтарчаи шахсии тиббӣ сабт шуда, бо муҳр тасдиқ карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани беморие (оризае), ки барои иҷрои уҳдадориҳои мансабӣ манъи нишондоди тиббӣ дорад, ба кор баъд аз табобат ва натиҷаи манфии таҳқиқот рухсат дода мешавад. Рухсат ба кор танҳо дар асоси хулосаи мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дода мешавад.

95. Маъмурияти ташкилот уҳдадор аст, оид ба иҷрои тавсияҳое, ки дар асоси натиҷаи муоинаҳои тиббӣ бо мақсади беҳдошти саломатии ронандагон аз тарафи муассисаи тиббӣ ва мақомоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ дода шудаанд, чораҳои зарурӣ андешад.

96. Муоинаҳои пешазхатсайрии ронандагони воситаҳои нақлиёт аз тарафи мутахассисони тиббии ҳамин ташкилот (табибон, ҳайати миёнаи тиббӣ, фелдшерон, ҳамшираҳои тиббӣ, ки дар ин самт тайёрии касбии махсус доранд) ва ё мутахассисони муассисаҳои тиббие, ки ба ташкилот дар асоси шартнома хизмат мерасонанд, гузаронида мешаванд.

97. Муоинаи тиббии пешазхатсайрӣ бо мақсади муайян намудани ронандагоне, ки аз рӯи вазъи саломатиашон ба рондани воситаҳои нақлиёт роҳ дода намешаванд (ҳам аз нуқтаи назари таъмини бехатарии ҳаракат дар роҳ ва ҳам баҳри ҳифзи саломатии ронандагону мусофирон) гузаронида мешавад.

98. Вазифаи асосии муоинаи пешазхатсайрии ронандагони воситаҳои нақлиёт аз муайян намудани омилҳое, ки ҳушёрӣ ё диққати онҳоро суст менамояд (беморӣ, нишонаҳои истеъмоли машруботи спиртӣ, маводи нашъадор, маводи доруворecho манъкардашуда, осори боқимондаи таъсири онҳо – аломатҳои хуморӣ ва хасташавӣ, бемадорӣ) иборат мебошад.

99. Муоинаи тиббии пешазхатсайрии ронандагони воситаҳои нақлиёт дар ҳамаи ташкилотҳое, ки фаъолияти онҳо барои мусофиркашонӣ махсус гардидааст ва дорои нақлиёт мебошанд, то саршавии басти корӣ гузаронида мешавад.

100. Муоинаи тиббии пешазхатсайрии ронандагон ҳам дар маҳалли ҷойгиршавии ташкилот ва ҳам дар маҳалли ҷойгиршавии муассисаи тиббӣ гузаронида мешавад.

101. Роҳбарияти ташкилот ва муассисаи тиббие, ки муоинаҳои тиббии пешазхатсайриро мегузаронанд, барои босифат ва бапуррагӣ гузаронидани муоинаҳо барои ин корҳо уҳдадоранд:

- гузаронидани муоинаро бо мутахассисон ва таҷҳизотҳои зарурии бо таҳқиқотҳои озмоишгоҳӣ (функсионалӣ) вобастабуда ташкил намоянд;

- кормандони тиббиро бо дастурамалҳои методӣ таъмин намуда, фаъолияти онҳоро оид ба гузаронидани муоинаҳо пешазхатсайрии тиббӣ таҳти назорат қарор диҳанд;

-дар мувофиқа бо роҳбарияти ташкилот реҷаи кории кормандони тиббиро тасдиқ намоянд;

- аз даврҳои такмили ихтисос ва тайёрии махсус гузаштани мутахассисонро таъмин намоянд;

- мутахассисонро бо таҷҳизоти зарурӣ, инчунин ҳуҷҷатҳои бақайдгирию ҳисоботӣ таъмин намоянд.

102. Барои гузаронидани муоинаи пешазхатсайрии тиббӣ бинои дорои на камтар аз 2 ҳуҷра лозим мебошад (ҳуҷра барои гузаронидани муоина ва ҳуҷра барои гирифтани маводи биологӣ).

103. Ҳуҷраҳо бояд бо таҷҳизоти зерин ҷиҳозонида шуда бошанд:

- кати (рахти) тиббӣ;

- мизи хатнависӣ, курсиҳо, чароғи рӯимизӣ, ҷевони либос, овезакҳо барои либоси болоӣ, қолинчаи болои фаршӣ, сейф;

- асбоб барои муайян намудани фишори хун – 2 дона, ҳароратсанҷ– 3 дона, стетофонендоскоп– 2 дона;

- асбоби муайян намудани буғи спирт дар ҳавои баровардашуда– 2 дона;

- алкометр, тестҳои фаврӣ барои машруботи спиртӣ ва маводи нашъамандӣ. Захираи доимии алкометр – 2 дона, тестҳои фаврӣ барои маводи нашъамандӣ – 10 дона;

- миз барои таҷҳизоти тиббӣ– 1 дона;

- шпателҳои тиббӣ– 10 дона;

- қуттӣ бо дорувориҳо барои расонидани ёрии фаврии тиббӣ– 1 дона.

Эзоҳ: Ҳуҷраи гирифтани маводи биологӣ бояд бо таҷҳизоти зарурӣ ҷиҳозонида шуда бошад.

104. Ронандагон ба муоинаи пешазхатсайрии тиббӣ бо варақаи хатсайрӣ ҳозир мешаванд.

105. Ҳангоми муоинаи тиббии пешазхатсайрӣ инҳо заруранд:

- ҷамъоварии таърихи ҳолати саломатии муоинашаванда;

- муайян намудани фишори хун ва набз;

- муайян намудани ҳарорати бадан;

- бо яке аз услубҳои расмии қабулшуда муайян намудани мавҷудияти машруботи спиртӣ ва дигар моддаҳои психотропӣ дар ҳавои нафасбарорӣ дар маводи биологӣ;

- зимни мавҷудияти нишондодҳо намуди дигари дилхоҳи ташхисҳои тиббии иҷозатдода, ки барои ҳалли масъалаҳои рухсат ба кор зарур мебошад.

106. Корманди тиббие, ки муоинаи пешазхатсайрии ронандагони воситаҳои нақлиётро мегузаронад, уҳдадор аст, ба ҳолатҳои зерин диққати махсус диҳад:

- тарзи воридшавии муоинашаванда ба утоқи корӣ, роҳравӣ, намуди зоҳирӣ ва рафтори ӯ;

- ҳолати субъективӣ, табъ, давомнокии хоб, мавҷудият ё набудани шикоят оид ба вазъи саломатӣ;

- вазъи қабати пӯст, мавҷудияти изи хоришҳо, харошаҳо, изи сӯзандоруҳо (махсусан дар умқи оринҷ), рангпаридагӣ ва ё сурхшавии пӯст;

- ҳолати пардаҳои луобии чашм (сурхшавӣ, зардшавӣ);

- ҳолати мардумаки чашм (тангшавӣ, васеъшавӣ) ва таассури он ба равшанӣ (нағз, сустӣ, ё ин ки нест);
- ҳарорати бадан;

- нишондодҳои фишори хун ва набз.

107. Барои ронандагоне, ки бемории фишорбаландӣ доранд, меъёрҳои шахсии нишондоди фишори хун дар натиҷаи на камтар аз 10 санҷиши пешазхатсайрӣ муайян карда мешавад.

108. Дар ҳолати рухсат додан ба хатсайр дар варақаҳои хатсайрӣ муҳри «Муоинаи тиббии пешазхатсайриро гузашт» ва имзои корманди тиббие, ки муоинаи тиббиро гузаронидааст, гузошта мешавад.

109. Ронандагон ба рондани воситаи нақлиёт дар ҳолатҳои зерин роҳ дода намешаванд:

- ҳангоми муайян намудани нишонаҳои корношоямии муваққатӣ (нишонаҳои бемориҳои шадид ё ин ки хуруҷи бемориҳои музмин, баланд гаштани ҳарорати бадан аз $37^0$ дараҷа боло, дарди сар ва дандон);

- ҳангоми натиҷаҳои мусбати тест барои мавҷудияти машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва дигар моддаҳои психотропӣ дар ҳавои нафасбарорӣ ва дар маводи биологӣ;

- ҳангоми муайян намудани нишонаҳои таъсири доруворӣ ё дигар моддаҳое, ки ба коршоямии ронанда таъсири манфӣ мерасонад;

- ҳангоми муайян намудани нишонаҳои таъсири машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва дигар моддаҳои психотропӣ;

-ҳангоми истироҳати нокифоя (нишонаҳои хасташавӣ) пеш аз хатсайр.

110. Ронандагоне, ки аз рӯи вазъи саломатӣ ба кор роҳ дода намешаванд, дар вақтҳои рӯзона ба табиби навбатдори муассисаи тиббӣ фиристода мешаванд. Дар ҳолати ба кор роҳ надодани ронанда, ки ба корношоямии муваққатӣ алоқаманд аст ва дар вақти бегоҳӣ ё шабона рост меояд (муассисаи тиббӣ кор намекунад), корманди тиббӣ ба ронанда ёрии аввалияи тиббиро расонида, пешниҳод менамояд, ки рӯзи дигар ба дармонгоҳ муроҷиат намояд. Дар ин ҳолат ба ронанда маълумотномаи тиббӣ дода мешавад, ки дар он вақти аз кор озод шудан, шакли бемори ё латхӯрӣ, ҳарорати бадан ва ғайра нишон дода мешавад. Маълумотнома дар шакли озод тартиб дода шуда, ба он имзои корманди тиббӣ гузошта мешавад.

111. Табиби муассисаи тиббӣ корношоямии муваққатии ронандаи аз кор озодшударо тасдиқ намуда, ба ӯ варақаи корношоямӣ медиҳад. Агар корманд коршоям дониста шавад, ба вай маълумотнома оид ба мавҷуд набудани манъи нишондодҳои тиббӣ барои рухсат ба кор пешниҳод мешавад, ки он барои иҷозати рондани воситаҳои нақлиёт асос мегардад. Додани рухсат ба кор ба шахсоне, ки мубталои бемории фишорбаландӣ, ё ин ки фишорпастӣ мебошанд, вобаста аз нишондодҳо ба ҳар як шахс дар алоҳидагӣ бо тавсияи қатъии табиби муолиҷагар ба амал бароварда мешавад. Ин тавсияҳо дар корти вазъи саломатии ронанда сабт карда мешаванд.

112. Агар дар рафти муоина нишонаҳои истеъмол ё таъсири нӯшокиҳои спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва дигар маводи доруворимҳои сахттаъсир муайян карда шаванд, он гоҳ ронанда таҳти таҳлили иловагӣ қарор мегирад (гузаронидани санҷиши назорат аз болои ҳушёрии ронандагон, фиристодан ба таҳлили наркологӣ).

113. Мутахассиси тиббӣ санҷиши назорати ҳушёрии ронандаро гузаронида, аз рӯи натиҷаи он тибқи намунаи дар замимаи 11 тартиби мазкур нишондода санад тартиб медиҳад. Ҳангоми гузаронидани санҷиши назорати ҳушёрӣ барои муайян намудани вазъи саломатӣ ронандаи муоинашаванда бо тартиби ҳатмӣ бояд зери

таҳлили клиникӣ қарор дода шавад ва ташхиси озмоишгоҳии муҳитҳои биологии ронанда (ҳавои нафасбарорӣ ва пешоб) гузаронида шавад.

114. Дар ҳолати мусбат будани натиҷаҳои санҷиши назорати ҳушёрӣ (истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва ғайра) ронанда барои муайян намудани далели истеъмоли машруботи спиртӣ ва моддаҳои мухаддир тибқи роҳхат аз рӯи намунаи дар замимаи 12 тартиби мазкур овардашуда ба марказҳои махсусгардонидашуда равон карда мешавад. Дар роҳхат насаб, ном, номи падар, ҷойи кор, мансаб, сабаби ба муоина фиристонидан, сана ва вақти додани роҳхат, мансаби шахсе, ки роҳхатро додааст, нишон дода, протоколи санҷиши назорати ҳушёрӣ замима карда мешавад.

115. Дар муассисаи тиббии махсусгардонида оид ба муайян намудани истеъмоли машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор санҷиш гузаронида шуда, тибқи намунаи дар замимаи 13 тартиби мазкур овардашуда протокол тартиб дода мешавад.

116. Шахсоне, ки ҳангоми гузаронидани санҷишҳо оид ба муайян намудани истеъмоли машруботи спиртӣ, маводи нашъадор ва дигар моддаҳои психотропӣ бо натиҷаҳои мусбат муайян карда шудаанд, бояд ҳарчи зудтар, аммо на дертар аз 2 соат аз лаҳзаи муайян намудани ҳолати мастӣ (истеъмоли маводи нашъадор ва дигар моддаҳои психотропӣ), ба ҷойи гузаронидани он расонида шаванд. Ҳангоми аён будани аломатҳои майзадагӣ, мастӣ (истеъмоли маводи нашъадор ва дигар моддаҳои психотропӣ), инчунин саркашӣ намудани муоинашаванда аз ташхис, санҷиши асбобию тестӣ аз тарафи корфармо санад тартиб дода мешавад.

117. Ҳангоми ҳалли масъалаи ба кор рухсат додани ронандаи воситаҳои нақлиётӣ, мутахассиси тиббӣ ҳатман мансубияти ронандаро ба яке аз гурӯҳҳои хавфнок (баланд, миёна ва паст), синну сол, собиқаи кор ва ихтисос, шароитҳои корӣ ва омилҳои истеҳсолӣ ба инобат мегирад.

118. Гурӯҳи хатарнок аз тарафи мутахассиси тиббӣ дар асоси таҳлили сабабҳои ба кор рухсат надодани ронандагон, аз рӯи вазъи саломатӣ муайян карда мешавад. Ба ин гурӯҳ ронандагоне, ки майл ба истеъмоли аз меъёр зиёди машруботи спиртӣ, воситаҳои нашъадор ва дигар моддаҳои психотропӣ доранд, инчунин шахсоне, ки зуд-зуд ва ба муддати дароз бемор мешаванд (мубталои бемориҳои музмин) ва ронандагони аз синни 55 боло шомил мешаванд.

